# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

28 апрели соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон баргузор гардид. Ҷаласа таҳти раёсати директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ доир шуда, дар он ҳайати аъзои Шуро фаъолона иштирок намуданд. Дар оғози ҷаласа раиси Шуро ҳозиринро бо рӯзномаи корӣ шинос намуда, ба аҳаммияти рушди босифати фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ таъкид кард. Зикр гардид, ки самтҳои тадқиқотии Пажӯҳишгоҳ бояд бо назардошти талаботи муосири низоми маориф, инчунин дар асоси нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барномаву стратегияҳои давлатӣ ва дастуру супоришҳои мақомоти соҳавӣ роҳандозӣ карда шаванд. Дар ин замина, мутобиқсозии мавзӯъҳои рисолаҳои илмӣ ба ниёзҳои воқеии соҳа ва таҳкими сатҳу сифати корҳои илмӣ ҳамчун вазифаи калидӣ арзёбӣ гардид. Мутобиқи рӯзномаи ҷаласа, гузориши мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Назиров Н.Д. дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои шаҳрвандӣ – ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) дар ҷараёни таълими фанҳои ҷамъиятӣ дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон)» ва иҷрокунандаи вазифаи сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ Имомназаров Д. Дар мавзӯи «Нақши арзёбии татбиқи маводди таълимии китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии зинаи дуюми таҳсилот дар мутобиққунонии он ба талаботи замони муосир (дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон)» шунида шуд. Ҳамзамон, дар доираи масъалаҳои ҷорӣ мавзуъҳои рисолаҳои илмии як қатор унвонҷӯён баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо роҳбарони илмӣ таъйин карда шуданд. Инчунин, зарурати ҳамоҳангсозии самтҳои тадқиқот бо афзалиятҳои рушди соҳа махсус таъкид гардид.Дар анҷоми ҷаласа аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, барои иҷрои саривақтии онҳо ба шахсони масъул супоришҳои мушаххас дода шуд.









